# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович дар мавзуи «Усулҳои парвариши шолии ангорӣ дар шароити ҷанубу ғарбии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.01-зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

Зиёдшавии босуръати аҳолии мамлакат ва таъмини он бо маводи хурока яке аз масъалаҳои асосӣ дар сиёсати имрӯзаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, мутахасисонро водор месозад, ки ҷиҳати ҳалли масъалаҳои зиёд намудани истеҳсолӣ ғалла дар ҷумҳурӣ чора андешӣнамоянд. Новобаста аз он, ки масоҳати заминҳои корам дар ҷумҳурӣ маҳдуд аст, фаровонии об, мавҷудияти рӯзҳои офтобӣ ва нурафкании босуръати офтоб имконият медиҳад, то заминҳои корами обӣ самаранок истифода гардида, дар як сол аз як майдон ду-се ҳосили зироатҳои кишоварзӣ руёнида ва аз ин ҳисоб маҳсулнокии майдонҳои кишт баланд бардошта шавад.

Дар байни зироатҳои ғалладона шолӣ аз ҷиҳати аҳамияти ғизоӣ ва маҳсулнокӣ мавқеи хосаро ишғол менамояд. Дар таркиби дони шолӣ як миқдор моддаҳои барои организми инсон зарурӣ мавҷуд аст ва дар шароити Тоҷикистон зироати шолӣ ба таври васеъ парвариш карда мешавад, ки он дар иҷрои яке аз ҳадафҳои стратегии ҷумҳурӣ- таъмини амнияти озуқаворnии кишвар мавқеи хосаро ишғол менамояд.

Диссертант кории таҳқиқотии бисёрсолаи худро ҷиҳати омӯзиши усулҳои парвариши шолӣ (муҳлати кишт, меъёри кишт ва меъёри гуногуни нуриҳои маъдани барои руёнидани ҳорсили тарҳрезишуда) дар кишти ангорӣ ба роҳ монда натиҷагирӣ кардааст. Навгонии илмии таҳқиқотчӣ аз он иборат аст, ки дар асоси натиҷаи таҳқиқотҳои илмии омӯхташуда дар шароитииқлимии ҷанубу ғарбии Тоҷикистон аввалин маротиба усулипарвариши шолӣ дар кишти ангорӣ (муҳлати кишт, меъёри кишт ва меъёри нурӣ) илман асоснок карда шуд.

Чи тавре, ки аз натиҷаи корҳои таҳқиқотии бисёрсолаи муаллиф маълум аст дар шароити иқлимии ҷанубу ғарбии Тоҷикистон барои шолии навъи “Авангард” дар кишти ангорӣ муҳлати оптималии кишт (10-уми июн), меъёри муътадили кишт (7 млн. тухмӣ/га) муайян карда шудааст. Ҳамзамон маълум карда шуд, ки ҳангоми истифодаи $N_{120}P_{120}K_{50}$ дар 1 гектар имкони амалии ба дастовардани 73,8 с/га ҳосили дони шолӣ дар кишти ангорӣ мавҷуд аст ва тавсияҳо оид ба натиҷаи таҳқиқот ба истеҳсолот пешниҳод карда шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки аҳамияти амалии таҳқиқотҳои муаллиф дар майдони 1,5 гектар барои татбиқи амалӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ ҷорӣ карда шудааст.

Новобаста ба натиҷаҳои ба даст омада дар кори диссертатсионӣ баъзан камбудиҳои мавҷуданд, ки ба раванди кор таъсири манфӣ намерасонад, аммо хуб мешуд, ки ба раванди кор пайваст мегардиданд. Аз ҷумла:

1. Минтақаи гузаронидани таҷриба аниқ нест. Танҳо қайд карда шудааст, таҷриба дар ноҳияи Фархор гузаронида шудааст.

2. Дар ҷадвали 5–"Нишондодҳои фитометрии шолии ангорӣ вобаста аз меъёри кишт" байни вариантҳои 3 ва 4 фарқияти калон мушоҳида карда намешавад, баракс аз рӯи сатҳи майдони барг, маҳсулнокии тозаи фотосинтез (маълумоти бисёрсола) бартарӣ дорад. Хуб мешуд, ки баъди соли дуюм таҷрибаи 4 гузаронида намешуд ва диссертант ба дигар масалаҳо диққати ҷидди медод.

3. Хоки ин минтақа марғзори хокистарранги обёришаванда мебошад, на балки хокҳои хокистарранги муқаррарии кӯҳанобёришаванда.

4. Баъзе ибораҳо нофаҳмо истифода бурда шудааст: масалан сатҳи барг не сафҳаи барг ва ғайра.

Хулоса кори диссертатсионии Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович ҳамчун кори илмии таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб рафта, дар он масъалаи муҳими озуқаворecho ҷумҳурӣ, хусусан таъмини аҳолӣ бо маводи ғизоӣ ҷой доранд, ки он бартарияти соҳаро дошта ба талаботи Комиссияи олииаттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мебошад.

Мудири шуъбаи мониторинг ва ҳифзи хок аз эрозияи Институти хокшиносӣ ва агрохимияи АИКТ — Аминов Ш.Р

Имзои Ш.Р. Аминов-ро тасдиқ мекунам: Сардори шуъбаи кадрҳои АИКТ — Ахмедова М.

«18» 04 соли 2023

*Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 21 "А".*
***Факс/телефон:** (+992 37) 221-70-04*
***E-Mail:** aikt91@mail.ru*